«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода
доктори илми филология, профессор
__________ Гулназарзода Ж. Б.
«4» апрели соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Назар Бохрулло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.

Диссертатсияи Назар Бохрулло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Қофия ва радиф аз унсурҳои хосси сохтори шеъри форсии тоҷикӣ буда, аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи шоирону донишмандони соҳа қарор гирифтааст. Вале дидгоҳҳо ба мавзуи қофия, моҳият ва ҳудуду робитаи он бо моҳияти шеър дар тули таърих гуногун будааст. Гурӯҳе қофияро унсури муҳимми сохтори шеър донистаанд, гурӯҳи дигар онро монеае барои баёни озодонаи эҳсосу андеша таъбир кардаанд. Тарафдорони ин гуна назарҳои зиддиятнок дар байни шоирону донишмандони назарияи шеър дар гузашта ва имрӯз, чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ, зиёд будаанд.

Равиши таҳқиқ зарурати омӯзиш ва арзёбии нақшу ҷойгоҳ ва таҳаввули қофия ва радифро дар эҷодиёти ин ё он шоир ба миён мегузорад. Дар ин росто, таҷрибаи назарӣ ва амалии Абдурраҳмони Ҷомӣ, нақшу ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули қофияву радиф ва арзёбии ҷомеи мушкилоти ин ду унсури муҳимми сохтори шеър дар заминаи таҷрибаи шоирии ӯ пурарзиш мебошад.

Таҷрибаи назарӣ ва амалии Ҷомӣ дар корбасти қофия ва радиф ӯро, пеш аз ҳама, ҳамчун шоири тавоно ва суханшиноси барҷаста ба назар намоён месозад. Истифодаи ҳунармандонаи қофия ва радиф на фақат имконоти ҳунарии шоирро маҳдуд накардааст, балки боиси он шудааст, ки ба ин васила, маҷмуаи афкор ва андешаҳои пешбининашуда ба сароҳат баён гардад.

Мавриди зикр аст, ки дар мавриди моҳияти назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва нақшу мақоми онҳо дар ғазалиёти шоир то ҳол сухани дақиқу ҷолибу ҷамъбасткунанда гуфта нашудааст. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Назар Бохрулло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» масъалаи рози пайвастагии шеър ва қофияву радиф ва мақоми онро дар эҷоди зебоии шеър дар мисоли ғазалиёти Ҷомӣ таҳқиқ карда, аз ҷиҳати равшанӣ андохтан дар таҳқиқи равиши асосии эҷодӣ ва ҳунарии шоир муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии он, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари хоси ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави таҳқиқотии адабиётро ба эътибор гирифтааст.

Муаллиф дар рисола дар асоси усулҳои илмии таърихӣ-муқоисавӣ, шарҳи осори адабӣ, шинохти жанрҳои адабӣ, сохторшиносӣ ва таҳлили дохилиматнӣ бори аввал масъалаи назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва нақшу ҷойгоҳи он дар ғазалиёти шоирро ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷомеъ қарор додааст. Тибқи андешаи муаллиф, яке аз масъалаҳои муҳим дар таҷрибаи шоирии Ҷомӣ корбурди қофияву радиф дар мазмунсозӣ

ва маъниофаринӣ мебошад. Равиши кори Ҷомӣ дар истифодаи қофия ва радиф тарзи хоси шоирии ӯро дар мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ нишон медиҳад.

Аз ин сабаб, метавон бо ҷиддияти тамом таъкид кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Назар Бохрулло анҷомёфта бо назардошти мушаххасоти тартиби баёни мавзуъ ва тарҳи мантиқан бонизоми бобу фаслҳо ва нуктаҳои муҳимми ҳимояшаванда қобили қабул мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Назар Бохрулло аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар робита бо талаботи масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта ҳар боб ба фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқи диссертант бори аввал масъалаи назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва нақшу ҷойгоҳи он дар ғазалиёти шоир ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷомеъ қарор мегирад. Дар диссертатсия **аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ, дарку таҳлил ва арзёбии хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва ҳунари шоирии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар истифодаи қофияву радиф дар ғазалиёташ зоҳир мешавад. Ба ин сабаб, андешаҳои назарӣ ва ғазалиёти шоир дар рисола муфассал таҳлил шуда, қонунмандиҳои назарӣ ва амалии истифодаи мақсадноки қофияву радиф дар ғазалиёти шоир муайян ва мушаххас карда шудааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ нишон дода шудааст. Ҳамчунин, сарчашмаҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии таҳқиқот, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, мушаххас карда шудааст.

Рисола дорои низоми муайяни илмӣ буда, тартиби таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошта ва ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

**Боби якуми** диссертатсия «**Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър**» унвон дошта, аз ду фасл, иборат мебошад. Дар боби мазкур назариёти адабии Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф дар заминаи осори манзуми ӯ ва «Рисолаи қофия» таҳлил ва арзёбӣ шудааст, ки масъалаҳои моҳияти шеър, нақши қофияву радиф дар сохтори умумии он аз дидгоҳи Абдурраҳмони Ҷомиро дар бар мегирад. **Фасли якуми боби аввал «Андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф»** унвон дошта, дар он назариёти Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф дар асоси осори манзуми эҷодкор, аз ҷумла маснавиҳои «Туҳфат-ул-Аҳрор», «Субҳат-ул-аброр» ва «Силсилат-уз-заҳаб» ба таври ҷомеъ ва мушаххас баён гардидаанд. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф ва нақши онҳо дар ташаккул ва таҳаввули мундариҷавию сохторӣ ва моҳияти шеър дар заминаи андешаҳои назарӣ ва равишҳои амалии шоирон ва донишмандони соҳа шакл гирифта, ташаккул ва таҳаввул ёфтааст. Фасли дувуми боби аввали диссертатсия-**«Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аҳаммияти назарӣ ва амалии он»** ном гирифтааст. Чуноне ки диссертант дар ин фасл нишон медиҳад, назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ доир ба қофияву радиф ва аҳаммияту мақоми онҳо дар шеър танҳо дар осори манзуми мавсуф, бахусус маснавиҳои ӯ, маҳдуд намешавад. Вай дар боби рози пайвастагии шеъру қофия ва нақши он дар сохтори маъноиву шаклии шеър «Рисолаи қофия»-ро таълиф карда, андешаҳояшро дар ин замина ташаккул ва таҳаввул бахшидааст. Дар диссертатсия мундарича ва сохтори ин рисола қиёсан бо назариёти пешгузаштагони Ҷомӣ, аз ҷумла Шамси Қайси Розӣ муфассал таҳқиқ ва баррасӣ шуда, моҳияти андешаҳои ӯ ошкор карда шудааст. Дар таҳқиқот мундариҷаи «Рисолаи қофия» қиёсан бо осори ҳамсони пешгузаштагонаш, аз ҷумла «Ал-муъҷам» муфассал нақд ва арзёбӣ шуда, дар замина моҳияти андешаҳои назарӣ ва амалии Ҷомӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. **Боби дувум «Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. **Дар фасли аввал, ки «Хусусиятҳои хоси қофияандешии Абдурраҳмони Ҷомӣ»** номида шудааст, масъалаҳои мавкеи

ғазал дар эҷодиёти шоир ва нақши қофия дар сохтори мундариҷавию жанрии он мавриди баҳс қарор гирифта, баъзе тозакориҳои шоир дар ин замина муайян ва мушаххас карда шудааст. Таҳлил ва арзёбии қиёсии муаллифи рисола нишон додааст, ки ғазалиёти Ҷомӣ на фақат аз ҷиҳати миқдор, балки аз ҷиҳати мундариҷаву сохтори шеър низ тозагиҳо дошта, ин хусусият дар мазмунёбӣ ва ҷузъинигарӣ, дар тарзи нигориш ва такмили сохтори шеър, ки қофияву радиф ҷузъе аз он аст, равшан зоҳир мешавад. Дар ин равиш ғазалиёти шоир ҳамчун як навъи шеъри ғиноӣ (лирикӣ) сурат ва маънии мушаххас дошта, эҳсосоту авотиф ва зикри ҷамолу камоли маъшуқ ва шикоят аз бахту рӯзгор мавзуоти аслии он мебошад, ки ин масъалаҳо дар диссертатсия ба таври мушаххас арзёбӣ шудааст. **Фасли дувуми боби мазкур,** ки **«Сохти қофия ва унсурҳои шаклсози он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** ном гирифтааст, масъалаҳои сохти қофия, нақши сохторсозӣ ва василаи ҳамоҳангсоз будани он дар ҷузъҳои шеърро фарогир мебошад.Аз натиҷаи таҳқиқи ин фасл бармеояд, ки дар ғазалҳои Ҷомӣ калимаҳои муҳимми қофиясоз аз матни мавзуи мавриди тасвири шоир берун омадаанд ва онҳоро метавон ҳам маънидор ва ҳам мавзуӣ шинохт. Таҳлили қиёсии дар диссертатсия анҷомгирифта нишон медиҳад, ки қофия дар ғазалиёти шоир омили асосии созандаи шеъри ӯст. Дар диссертатсия ҷадвали ҷузвҳои мухталифи қофияи ғазалиёти шоир тартиб дода шуда, таркиби овозӣ ва ҳарфии онҳо дар заминаи мисолҳои мушаххас ба таври муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Фасли сеюми боби дувум **«Танаввуи қофияи бадеӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** номгузорӣ шуда, дар он доир ба қофияи бадеӣ дар ғазалҳои шоир сухан меравад. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия собит намудааст, ки қофия ва анвои он дар эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, бахусус ғазалиёти ӯ, мавқеи вижа дорад. Мутолиа ва таҳқиқи қиёсии осори шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар баробари ба кор бурдани қофияҳои анъанавӣ, дар мавридҳои зарурӣ аз қофияҳои бадеӣ низ истифода намудааст. Агарчи шоир қофияи бетакаллуф ва радифи истиқлолдорро таъкид фармудааст, вале дар ҷараёни кори эҷодӣ ва баёни ифодаи афкори матлубаш

шаклро ҳунармандонаву огоҳона қурбони маънӣ намудааст. Қофияи бадеӣ маҳсули санъатҳои бадеист, ки дер боз дар ашъори шуарои гузашта истифода гардида, танаввуъ ёфта, ба ҳукми анъана даромадааст.

**Боби севум «Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** номгузорӣ гардида, аз ду фасл ва панҷ зерфасл иборат мебошад, ки дар он хусусиятҳои равиши истифодаи радиф дар ғазалҳои шоир таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Фасли якуми боби севум «**Назари донишмандон роҷеъ ба хостгоҳи радиф**» мебошад ва дар он зикр мешавад, ки корбурди фаровони радиф ва ҷилваи ҳунарии он дар каломи бадеӣ диққати назариядонҳои адабиётро дер боз ба ҷониби худ ҷалб кардааст. Фасли дуюми ин боб **«Сохту таркиб ва таҳаввулу ташаккули радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** унвон дорад. Дар ин фасл доир ба сохту таркиб ва таҳаввулу ташаккули радиф сухан меравад. Корбурди радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ ба равиши зикршудаи ҳунарӣ сурат гирифта, далел бар тахайюли тозаписанд ва навовариҳои ӯ дар шаклу мундариҷа мебошад. Аз ин ҷиҳат, вақте ғазалиёти шоирро аз назар мегузаронем, таҳаввулоти навъӣ ва корбурдии радиф назаррас аст. Унвони зерфасли якуми боби севум «**Анвои радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**» унвон дошта, доир ба навъҳои радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ сухан меравад. Зерфасли дуюми боби сеюм **«Радифҳои феълӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** ном дорад. Дар он доир ба радифҳои феълӣ дар ғазалиёти Ҷомӣ сухан меравад. Зерфасли панҷуми боби сеюм «**Вижагиҳои бадеиву ҳунарии радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**» унвон дорад. Дар он Ҷомӣ зимни корбасти тамоми навъҳои ёдшудаи радиф бо истифода аз зарфиятҳои забонӣ, аз ҷумла эҷоди маънои маҷозӣ, киноӣ ва истиории ҷадид дар таркиби калом ҳамаи хусусиятҳои радифро ифода карда тавонистааст. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои муҳаққиқ, асосан, дар заминаи таҳлилҳои мушаххас ва баррасиҳои фарогир сурат мегиранд, ки аксари он пояи устувори илмию пажӯҳишӣ доранд. Дар **хулосаи** диссертатсия ҳамон равиши муҳаққиқонае, ки дар саросари тадқиқот ба мушоҳида мерасад, пайгирӣ шуда, унвонҷӯ зикр намудааст, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ назариёти ҷомеашро оид ба моҳияти шеър,

бахусус қофия ва радиф ва нақшу ҷойгоҳи ҳунарии онҳо дар сохтори каломи манзум, нахуст дар шеъру манзумаҳояш, сониян дар «Рисолаи қофия» ба таври мухтасар иброз намудааст. Дар осори илмӣ ва рисолаҳои ҷудогонааш низ дар боби нақши шеъру шоир дар зиндагӣ ва мавқеи қофияву радиф дар сохтори мусиқоиву зебоишинохтии шеър андешаҳояшро ба таври мушаххас баён доштааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси волоияти ҳусни таҳқиқ хоҳанд буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия, хоса дар бахшҳои объекти таҳқиқ ва предмети таҳқиқ, қисман нусхаҳои хаттии ашъори шоир сарфи назар шудааст.

2. Ба андешаи мо, агар муаллиф зерфасли 3.2.2.-ро ҳамчун фасли 4-и боби 3 мавриди таҳқиқ қарор медод, беҳтар мебуд.

3. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ. 11, 21, 26, 32, 37, 46, 75, 126 ва ғ.) дида мешаванд.

4. Гоҳо дар диссертатсия услуби илмии таҳқиқот ба услуби публитсистӣ тамоил пайдо намудааст.

5. Ҳар як боби диссертатсия муфассалу мудаллал таҳқиқ шуда бошанд ҳам, вале масоили баррасишаванда дар бахши хулоса бештару умқан тавзеҳ дода нашуда, қисман андешаҳо ҳамаҷиҳата ҷамъбаст нагардидаанд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни рисоларо кам намекунанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Назар Бохрулло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар

ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31-уми марти соли 2023, суратҷаласаи № 8 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Давлатбеков Л. М.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Боев Ш. Э.**

Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков ва н.и.ф. Ш. Э. Боев – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru
«4»-уми апрели соли 2023.